Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 24 (4607) | ДУШАНБЕ, 13 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ба Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мукофотонидани 35 нафар ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо тибқи рӯйхати замимагардида 568 750 (панҷсаду шасту ҳашт ҳазору ҳафтсаду панҷоҳ) сомонӣ ҷудо намояд.

2. Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи саривақтӣ ва мақсадноки маблағҳои ҷудошударо таъмин карда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи хароҷоти анҷомдодаро пешниҳод намояд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 феврали соли 2023, № АП-333**

## ШАРҲИ АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ёздаҳуми феврали соли 2023 барои ҳавасмандгардонии ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид.**

Мувофиқи он ва дар асоси пешниҳоди қарори Комиссияи мукофотпулиҳои Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 35 нафар варзишгари беҳтарини мамлакат, ки ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ мебошанд, бо Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонда шуданд.

Маблағи умумии ҷоизаҳо дар соли равон, ки аз ҳисоби Фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо гардидааст, 568 ҳазору 750 сомониро ташкил медиҳад. Ҳаҷми як ҷоиза ба ҳар як варзишгар ва мураббиёни онҳо аз 6250 то 50000 сомонӣ аст.

Барандагони Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан онҳое мебошанд, ки дар риштаҳои бокс, гӯштинҳои дзюдо, юнонӣ-румӣ, тарзи озод ва таэквондо ВТФ дар мусобиқаҳои байналмилалӣ соҳиби медали тилло ва ҷойҳои намоён гардидаанд.

Ин қадршиносии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири рушди варзиш ва ҳавасмандгардонии варзишгарони баору номуси Тоҷикистон буда, бори дигар собит менамояд, ки рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мудом дар мадди назари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Қобили зикр аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани самаранокии низоми тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаро таҳия ва ба тасвиб расонидааст.

Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Роҳбари давлат варзишгарони тоҷик дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат имконияти иштирок дар садҳо мусобиқаи байналмилалӣ, инчунин бозиҳои олимпиро пайдо намуданд.

Варзишгарони тоҷик сол аз сол ба натиҷаҳои дилхоҳи варзишӣ ноил гашта истодаанд. Аз ҷумла, дар соли 2022-юм 650 варзишгар, аз ин шумора 34 бонуи аъзои дастаҳои мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз намуди варзиши олимпӣ ва ғайриолимпӣ ба 64 мусобиқаи сатҳи байналмилалии варзишӣ сафарбар гардида, дар натиҷа ба хазинаи варзишии кишвар 548 медал, аз ҷумла 150 тилло, 162 нуқра ва 236 биринҷӣ, ворид намуданд, ки натиҷаҳои бадастовардаи варзишгарон нисбат ба соли 2021-ум 150 медал зиёд (47 - тилло, 41 - нуқра ва 62 - биринҷӣ) мебошад.

Дар ин давра варзишгарони тоҷик маҳорати олии варзиширо дар сатҳи байналмилалӣ нишон дода, 548 маротиба Парчами давлатии Тоҷикистонро боло бардоштанд ва 150 маротиба Суруди Миллӣ ба хотири дастоварди онҳо дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ садо додааст.

**www.president.tj**



## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**13-уми феврали соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, баъди шарҳу тавзеҳи он аз ҷониби раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Хайрулло Амонулло ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ», «Дар хусуси Протокол байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата нисбати андозҳо аз даромад ва сармоя аз 23 июни соли 2010» барои додани хулоса ба кумитаҳо ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ирсол шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МАНФИАТИ ТАҶДИДИ КОРХОНАҲОИ РАВҒАНБАРОРӢ КАДОМҲОЯНД?

**Дар сабади ғизоии инсон чарбуҳо, махсусан равғани наботот, мақоми хос доранд. Қисми зиёди хӯрокҳои мардуми мо низ асосан тавассути равғани наботот тайёр мешавад. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми декабри соли 2022 ёдовар шуданд, ҳоло талаботи бозори истеъмолии мамлакат аз ҳисоби равғани истеҳсоли ватанӣ ҳамагӣ 22 фоиз таъмин гардида истодааст.**

Сардори давлат ба вазорату идораҳои масъул ва соҳибкорону сармоягузорон супориш доданд, ки соли 2023 корхонаҳои равғанбарории шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Конибодомро тавассути муҷаҳҳазгардонӣ бо технологияҳои муосир бо иқтидори истеҳсолии солҳои қаблӣ барқарор намоянд.

Ин иқдоми Пешвои миллат ба хотири ҳифзи амнияти озуқаворecho мамлакат хеле муҳиму саривақтист, зеро бисёр кишварҳо соли сипаришуда бо мақсади таъмини сокинонашон бо равғани наботот содироти онро манъ карданд. Агар сокинони кишвар бо равғани истеҳсоли ватанӣ таъмин бошанд, аз як тараф пеши баландшавии нархи озуқаворӣ гирифта мешавад, аз ҷониби дигар дар мамлакат ҷойҳои нави кор таъсис ёфта, берунравии асъори хориҷӣ низ пешгирӣ карда мешавад.

Барои фаъолияти мунтазами корхонаҳои равғанбарорӣ, пеш аз ҳама, таъмини мунтазами ашёи хом муҳим аст. Корхонаҳои равғанбарории зикршуда дар замони шӯравӣ асосан аз чигит равған истеҳсол мекарданд. Он вақт дар мамлакат соле бештар аз 900 ҳазор тонна пахта истеҳсол мешуд ва дар таъмини ашёи хоми ин корхонаҳо мушкилӣ набуд.

Ҳоло бошад, дар мамлакат андаке зиёдтар аз 400 ҳазор тонна пахта истеҳсол мешавад, ки барои тамоми сол таъмин кардани корхонаҳои мазкур бо ашёи хом кофӣ нест. Аз ин рӯ, бояд аз ҳоло Вазорати кишоварзии ҷумҳурӣ дар фикри зиёд кардани майдони кишти зироатҳои равғандеҳ бошад.

Агар ба омори ҷаҳонӣ назар афканем, аз ҷиҳати ҳаҷми истеҳсол баъди нахл, соя (лӯбиёи чинӣ), маъсар, офтобпараст ва арахис (чормағзи заминӣ) равғани пахта дар ҷои шашум меистад. Аз ҷиҳати манфиатнокӣ ба саломатӣ бошад, равғани пахта пас аз равғани зайтун, офтобпараст, кунҷид, зағир, ҷуворимакка, соя, арахис, маъсар ва ғайра ҷойи ёздаҳумро ишғол мекунад.

Дар ҷаҳон аз ҳама равғани зиёд аз дарахти нахл гирифта мешавад, ки соле 64 миллион тоннаро ташкил медиҳад. Азбаски дар кишвари мо майдони парвариши ин дарахт нест, бояд ба дигар нabототи равғандеҳ таваҷҷуҳ зоҳир намоем.

Пас аз нахл аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли равған соя ҷойи дуюмро ишғол мекунад. Соле аз лӯбиёи чинӣ 53 миллиону 150 ҳазор тонна равған истеҳсол мешавад. Ин зироатро 6000 сол пеш дар Хитой кишт мекарданд. 3000 сол аст, ки аз ин зироат равған мегиранд. Аз ҷиҳати номгӯи моддаҳои фаъоли биологӣ равғани соя дар ҷойи аввал меистад. Вай аз оҳан, рӯҳ, витаминҳои E, K бой буда, фитостеринҳои таркиби он барои ҷавон мондани пӯст мусоидат мекунад. Дар 100 грамм равғани соя 114 мг токоферол (витамини E) мавҷуд аст. Ин рақам дар равғани офтобпараст 67 мг ва дар зайтун ҳамагӣ 13 мг мебошад. Ҳангоми истеъмоли бардавоми равғани соя эҳтимоли сар задани сакта (инфаркт), норасоии дил ва бемориҳои саратонӣ кам мешавад.

Сояро дар водиҳои Ҳисору Вахш ва вилояти Суғд парвариш кардан мумкин аст. Як ҷиҳати хуби соя дар он аст, ки зимни нашъунамо дар решааш нитрогени биологӣ ҳосил карда, заминро аз ин элемент бой мегардонад.

Кунҷораи соя, ки аз сафедаю аминокислотаҳо бой аст, барои чорво ва парандаҳо (мурғ, мурғобӣ, мурғи марҷон) ғизои хушсифат ба ҳисоб рафта, маҳсулнокии онҳоро баланд мебардорад.

Сеюм зироате, ки аз он равғани зиёд гирифта мешавад, маъсар (рапс) мебошад. Соле аз ин зироат 27 миллиону 650 ҳазор тонна равған гирифта мешавад. Маъсар аз кислотаи чарбу бой буда, девораҳои рагҳоро мустаҳкам ва сатҳи холестерини хунро паст мекунад. Қувватнокии 100 грамм маъсар баробари 899 килокалория мебошад.

Дар кишвари мо маъсарро метавон тирамоҳ баъд аз ҷамъоварии зироати такрорӣ ё пахта кишт намуд. Гули он шираи зиёд дошта, асаловар мебошад. Аз ин рӯ, баҳорон метавон дар майдони маъсар қуттиҳои занбӯри асал монда, асали фаровон гирифт. Ғайр аз равғани истеъмолӣ, аз маъсар, инчунин майонез, маргарин, равғани молиданӣ барои мошинаҳои дарздӯзӣ ва нақлиёт, плёнка ва резина низ гирифтан мумкин аст.

Аз ҷиҳати ҳаҷми истеҳсоли равған офтобпараст ҷойи чорумро ишғол мекунад. Соле аз ин зироат дар ҷаҳон 15 миллиону 550 ҳазор тонна равған истеҳсол мешавад. Он соли 1829 ҳамчун зироати равғандеҳ шинохта шуд.



Офтобпараст манбаи беҳтарини моддаи летситин ба шумор меравад. Ин модда ба ташаккул ёфтани системаи асаби кӯдак ёрӣ мерасонад. Дар калонсолӣ бошад, фаъолӣ ва равшании ақлро нигоҳ медорад. Летситин, инчунин зимни камхунӣ (анемия) ва стрессҳо барои барқарор шудани неру кумак мерасонад.

Мунтазам истеъмол кардани он бемориҳои системаи дилу рагҳоро пешгирӣ менамояд. Рӯзе истеъмол кардани як қошуқ равғани офтобпараст талаботи шабонарӯзии ҷисмро бо витамини E таъмин менамояд. Аз равғани офтобпараст маргарин, консерва, маснуоти қаннодӣ тайёр мешавад. Онро барои собунпазӣ ва лаку рангбарорӣ низ истифода мебаранд. Кунҷораи офтобпараст 36 фоиз сафеда, 20 - 22 фоиз карбогидратҳо ва 6 фоиз равған дошта, ғизои олидараҷаи чорвост. Пояҳои офтобпарастро барои сӯзишворӣ истифода бурда, аз хокистари он карбонати калий (поташ) мегиранд, ки дар саноати шишабарорӣ, собунпазӣ ва рангбарорӣ ба кор меравад.

Офтобпараст дар тамоми минтақаҳои мамлакат мерӯяд. Онро ҳамчун зироати такрорӣ баъд аз ғундоштани пиёзу гандум ва ё гирдогирди майдонҳои кишт низ ба хотири самаранок истифода бурдани замин метавон кишт намуд. Офтобпараст мисли маъсар зироати асалдеҳ аст.

Дар ҷумҳурии мо арахис (чормағзи заминӣ)- ро асосан ҳамчун донагӣ (бирён кардан) кишт мекунанд. Соле дар ҷаҳон аз арахис 5 миллиону 680 ҳазор тонна равған истеҳсол мешавад. Истеъмоли равғани арахис бемориҳои роҳҳои талхабарорӣ, ҷигар ва узвҳои ҳозимаро пешгирӣ менамояд. Маргаринеро, ки аз равғани арахис истеҳсол мешавад, аз равғани маска фарқ кардан душвор аст. Кунҷораи арахисро барои пухтани ҳалво, шоколад, печений ва дигар маснуоти қаннодӣ истифода мебаранд.

Зиёд кардани майдони кишти арахис бо мақсади истеҳсоли равған ба хоҷагиҳои деҳқонӣ манфиати зиёд меорад.

То замони шӯравӣ дар диёри мо зироати асосии равғандеҳ зағир ба шумор мерафт. Мутаассифона, баъд аз якказироат шудани пахта сол то сол масоҳати кишти зағир кам шуд. Зағирро ҳоло дар мамлакат асосан дар заминҳои лалмӣ кишт мекунанд. Дар ҷаҳон соле аз он 1 миллиону 600 ҳазор тонна равған мегиранд. Равғани зағир аз витамину минералҳо бой буда, фаъолияти меъдаю рӯдаро хуб мекунад. Ин равғани хушбӯю ширин хосияти бедардкунандаю безараркунанда дошта, ба зуд сиҳатёбии захмҳо мусоидат мекунад. Он воситаи хуби кам кардани вазн ба ҳисоб рафта, фаъолияти роҳҳои пешоббарорро хуб менамояд. Инчунин, барои баровардани токсинҳои ҷигар ёрӣ мерасонад. Аз пасмондаҳои равғани зағир равғанҳои техникӣ ва лаки аълосифат истеҳсол мекунанд. Кунҷораи он аз ҷиҳати сифат нисбат ба кунҷораи чигит серғизотар аст.

Яке аз қиматтарин равғанҳо дар ҷаҳон равғани зайтун ба шумор меравад. Онро аз дарахти зайтун мегиранд. Дарахти зайтун ба ҳисоби миёна 500 сол умр мебинад. Аз ин рӯ, бунёди боғҳои зайтун барои чандин наслҳо хизмат мерасонад.

Соле дар ҷаҳон 2 миллиону 890 ҳазор тонна равғани зайтун истеҳсол мешавад. Боғҳои зайтун бештар дар Испания, Италия, Туркия, Юнон, Тунис, Лубнон ва Португалия бунёд ёфтаанд. Равғани зайтунро дар Юнони Қадим «тиллои моеъ» меномиданд. Ин равған системаи дилу рагҳоро аз як қатор бемориҳо ҳифз намуда, фишори баланди хунро муътадил месозад. Равғани зайтун хосияти зиддиилтиҳобӣ дошта, барои муолиҷаи бемориҳои артрит ва ревматизм муфид аст. Он инчунин хатари авҷгирии диабети қандро паст намуда, узвҳои ҳозимаро қувват мебахшад.

Ҳоло дар ноҳияи Ҷайҳун ба бунёди боғи зайтун шурӯъ намудаанд, ки иқдоми хуб аст. Зиёд кардани майдони кишти он дар дигар ноҳияҳои ҷануби мамлакат оянда боиси рушди саноати равғанбарорӣ дар ҷумҳурӣ хоҳад шуд.

Ғайр аз зироатҳои зикршуда, инчунин дар ҷаҳон аз кунҷид, ҷуворимакка ва донаҳои ангур низ равғани ғизоӣ истеҳсол мешавад. Равғани кунҷидро дар Ҳиндустону Покистон бештар ба кор мебаранд. Равғани кунҷид антиоксиданти қавӣ буда, атеросклероз, фишорбаландӣ ва бемориҳои дилро пешгирӣ менамояд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карданд, ки: «Дар сурати ба фаъолият оғоз кардани корхонаҳои зикргардида талаботи аҳолии мамлакат бо равғани истеҳсоли худӣ беш аз 70 фоиз таъмин мегардад».

Ба кор даровардани корхонаҳои равғанбарорӣ, инчунин боиси зиёд шудани истеҳсоли кунҷора мегардад. Дар навбати худ, афзоиши истеҳсоли кунҷора маҳсулнокии чорвою парандаҳоро зиёд намуда, ба фаровону арзоншавии гӯшту маҳсулоти ширӣ ва тухм мусоидат мекунад.

Инчунин, мисли даврони шӯравӣ сеххҳои собунпазӣ фаъол гашта, дар асоси равғани наботот истеҳсоли крему равғанҳои табобатию косметикиро низ метавон ба роҳ монд.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

**Даҳуми феврали соли 2023 муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Шарифҷон Ҳакимзода дар Форуми якуми байнипарлумонии давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки дар шаҳри Туркистони Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, дар мавзӯи «Нақши вакилони парлумон дар густариши ҳамкориҳои фарҳангӣ, дар асоси мероси умумии таърихию фарҳангӣ» баромад кард.**



# НАҚШИ ПАРЛУМОН ДАР ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ БАЛАНД АСТ

Номбурда зикр кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ дар асоси усул ва принсипи асосии «дарҳои боз» бо 180 давлати ҷаҳон, аз ҷумла бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, узви комилҳуқуқу фаъоли Созмони Милали Муттаҳид ва дигар сохторҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мебошад.

Муносибатҳои дипломатӣ миёни давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ҳанӯз дар охири соли 1992 ва аввали соли 1993 барқарор шудаанд.

Дар давраи равобити дипломатӣ миёни кишварҳо барои тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои амалӣ заминаи хуб фароҳам оварда шуда, муҳимтар аз ҳама, сатҳи баланди шарикӣ, эътимод ва эҳтироми тарафайн ба даст омад.

Сатҳи баланди муносибатҳоро заминаи мустаҳками шартномавию ҳуқуқӣ, ки зиёда аз 500 созишномаи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравиро дар бар мегирад, тасдиқ мекунад.

Рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодии давлатҳои минтақа дар муносибатҳои мавҷуда авлавиятнок боқӣ мемонад. Дар доираи муносибатҳои дипломатӣ ба рушди робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ аҳамияти калон дода мешавад.

Миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба мунтазам чорабиниҳо ва лоиҳаҳои фарҳангию гуманитарӣ доир карда мешаванд. Ташкили форуму фестивалҳо, консертҳо, рӯзҳои фарҳангу кино, инчунин баргузории намоишгоҳҳо, семинарҳои илмӣ, конфронсҳо, мусобиқаҳои варзишӣ ва дигар чорабиниҳои фарҳангию гуманитарӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Масалан, моҳи сентябри соли гузашта дар шаҳри Душанбе табодули филмҳои фарҳангӣ, ифтитоҳи ботантанаи «Рӯзҳои синамои қазоқ дар Тоҷикистон» баргузор гардид, ки дар таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи дӯстонаи байни халқҳои мо ва густариши робитаҳои филмсозон ва соҳаи кино саҳми босазо гузошт.

Дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарии кишварҳои минтақа тайи се соли охир форумҳои ҷавонон, занон, адибони ҷавон, ҷашнвораҳои таомҳои миллии халқҳои Осиёи Марказӣ баргузор шудаанд, ки метавон ҳамчун қадами муҳим ва бомуваффақият дар ташаккули платформа барои устувор намудани боварӣ ва дӯстии байни мамлакатҳоямон арзёбӣ намуд.

Баргузории мунтазами чорабиниҳои фарҳангии мутақобила бо иштироки ходимони фарҳангу ҳунари кишварҳои Осиёи Марказӣ ба анъанаи нек табдил ёфтааст. Дар ин ҷода баргузории рӯзҳои фарҳангӣ аҳамияти калон дорад ва он сол аз сол ба дараҷаи сифатан нав мебарояд.

Бо назардошти он ки кишварҳои Осиёи Марказӣ таърихан ба минтақаи ягона тааллуқ доранд, баргузории фестивалу конфронсҳо ба ҳамкориҳои гуманитарии байни давлатҳо мусоидат мекунанд. Бахусус, баргузории симпозиумҳои байналмилалӣ бахшида ба солгарди бузургдошти мутафаккирон, аз қабили Абунасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯҳанифа, Имом Бухорӣ, Берунӣ, Умари Хайём, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Махдумкулӣ, Садриддин Айнӣ, Джамбул Джабаев, Абай Кунанбаев, Чингиз Айтматов ва дигарон дар тарғиби ҷаҳонбинии адабӣ ва гуманизм мусоидат менамоянд.

Баргузории чунин форумҳо дар самти ҳамкориҳои байнидавлатӣ ба рушди соҳаҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, инфрасохторӣ ва баланд бардоштани мақоми кишварҳои Осиёи Марказӣ дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунанд.

- Ин ҳама аз он шаҳодат медиҳад, ки халқҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ аз арзишҳои беназири фарҳангию гуманитарӣ бо хусусиятҳои муштарак бой буда, дар рушди мероси фарҳангии ҷаҳонӣ мавқеи сазоворро ишғол мекунанд, - иброз намуд Шарифҷон Ҳакимзода ва афзуд: - Фикр мекунем, ки мувофиқи талаботи ҷаҳони муосир вақти он расидааст, ки бо истифода аз иқтидори дипломатияи мардумӣ, парлумонҳо ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои таҳкими муносибатҳои бародаронаи кишварҳоямон ва рушди минбаъдаи фазои муштараки фарҳангию гуманитарӣ заминаи устувори ҳуқуқӣ фароҳам меоранд. Умед дорем, ки робитаҳои байнипарлумонии кишварҳои Осиёи Марказӣ минбаъд низ дар таҳкими бахшҳои иқтисодӣ, гуманитарӣ ва фарҳангии муносибатҳоямон нақши муҳим хоҳанд дошт.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МАБЛАҒИ ҶОИЗАИ «ШАҲРИ БЕҲТАРИН» БА ЯТИМОН ДОДА ШУД



**Ҳафтуми феврали соли ҷорӣ дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб нишасти матбуотӣ баргузор шуд. Раиси шаҳр Бахтиёр Назарзода гуфт, ки дар соли 2022 нақшаи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ 116 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 127,3 миллион сомонӣ ворид шуд.**

Зикр гардид, ки бо мақсади эълон гардидани солҳои 2022 - 2026 «Солҳои рушди саноат» ва амалӣ гардидани ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат 7 корхонаи нави саноатӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Дар назар аст, ки то ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар шаҳри Кӯлоб 40 корхонаи саноатӣ ба истифода дода шавад.

Раиси шаҳри Кӯлоб дар бобати пешгирии танбашавии мошинҳо дар назди бозори «Сахӣ» - и шаҳри Кӯлоб гуфт, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ роҳи кӯчаи Чармгарони поён ба масофаи 850 метр мумфарш гардида, дар кӯчаҳои шаҳр 7 чароғаки рақамӣ насб гардид.

Соли 2022 дар шаҳру деҳоти Кӯлоб 68 бинову иншоот мавриди истифода қарор дода шуда, дар 130 бинову иншоот, аз ҷумла 25 иншооти истеҳсолӣ, 6 бинои истиқоматӣ, 9 муассисаи таълимӣ, 2 муассисаи тиббӣ, 5 толору майдончаи варзишӣ, 3 иншооти соҳаи кишоварзӣ, 5 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, 30 нуқтаи хизматрасонӣ, 25 маркази савдо ва 16 иншооти дигар корҳои сохтмонӣ идома доранд.

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 810 миллион сомонӣ расида, нисбат ба соли гузашта 32,1 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Рӯзноманигорон аз раиси шаҳри Кӯлоб дар бобати «Шаҳри беҳтарин» эътироф шудани шаҳри Кӯлоб дар соли 2022 пурсон шуданд: - «Ин дастоварди сокинони шаҳри бостонии Кӯлоб аст. Дар ҳузури шумо намояндагони воситаҳои ахбори омма 10 ҳазор сомонии ҷоизаро барои тарбиятгирандагони Мактаб – интернати ёрирасони рақами 1- и шаҳри Кӯлоб ҳамчун кумак сарф хоҳем кард», - афзуд номбурда. Баъд аз нишасти матбуотӣ раиси шаҳри Кӯлоб Бахтиёр Назарзода ҳамроҳи рӯзноманигорон ба вазъи таълиму зиндагии тарбиятгирандагони мактаб – интернати ёрирасони мазкур шинос шуданд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**




# ЭҲТИЁҶМАНДОН БО МАНЗИЛ ТАЪМИН МЕГАРДАНД

**Дар нишасти матбуотии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 8-уми феврали соли равон доир шуд, гуфта шуд, ки бо мақсади дар сатҳи баланд таҳия ва пешниҳод намудани барномаҳои калонҳаҷм, филмҳои мустанад, ҳамчунин, таҳкими корҳои техникӣ дар назди кумита шӯроҳои бадеӣ, таҳрир ва техникӣ таъсис ёфтааст.** Тавассути ташкили курсҳои такмили ихтисос 114 коргардон, наворбардор, пардозгар, танзимгари видео ва садо, рассом, дизайнер, равшанидиҳанда ва муҳандисони шабакаҳои телевизион ва радио ба такмили ихтисос фаро гирифта шуданд. Дар маҷмӯъ, аз ҷониби шабакаҳои давлатии телевизион ва



радио 55 филми ҳунарӣ, 198 филми мустанад, 54 филми илмӣ - оммавӣ, 311 қисм силсилафилм ва 42 филми тасвирӣ таҳия, тарҷума ва манзури бинандагон гардидааст. Хазинаи хонишҳои бадеии Радиои Тоҷикистон бо 152 гуфтори нав аз асарҳои адибони классику муосири тоҷик ва миллатҳои дигар ғанӣ гардонида шудааст.

Дар хусуси таъмини кормандони эҳтиёҷманд бо манзили истиқоматӣ раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддин Саид изҳор дошт, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муроҷиат кардааст. Бо дастури Пешвои миллат Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе низ ба мувофиқа омада, аллакай дар маҳаллаи Зарафшон барои бунёди бинои 144-ҳуҷрагӣ, ки 10 ҳазор метри мураббаъро ташкил хоҳад дод, 35 садяк замин ҷудо кардааст.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

# ЛЕВАКАНТ: 71 ИНШООТ БУНЁД ХОҲАД ШУД



**Барои дар амал татбиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022 таҳти №311 «Оид ба омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 35 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаҳри Левакант бунёди 71 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст.**

Дар ин бора раиси шаҳри Левакант Бунафша Файзиддинзода 9-уми феврали соли равон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Қайд гардид, ки 71 иншооти мазкур бо харҷи 398 миллиону 827 ҳазор сомонӣ бунёд хоҳанд шуд.

Аз иншооти банақшагирифташуда 14 иншоот ба соҳаи истеҳсолоту саноат, 11 - маориф, 5 - тандурустӣ, 3 - варзиш, 3 - сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва 35 иншооти боқимонда ба дигар соҳаҳо рост меояд.

- Соли гузашта аз 71 иншооти дар нақшабуда 23 - тои он мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд, ки дар онҳо беш аз 60 нафар сокинони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин шуданд, - гуфт Бунафша Файзиддинзода.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

# НАМОИШГОҲҲО ИМКОНИ ХУБИ МУАРРИФИИ МАҲСУЛОТИ ВАТАНИАНД



**Соли сипаришуда Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдори мамлакат, сафоратхонаҳои ҷумҳурӣ дар давлатҳои хориҷа ва шарикони рушд дар ташкилу таъмини иштироки намояндагони ширкату корхонаҳои ватанӣ дар 26 намоишгоҳи байналмилалӣ мусоидат намуд.** Ин намоишгоҳҳо дар 13 мамлакат, аз ҷумла дар Аморати Муттаҳидаи Араб, Кореяи Ҷанубӣ, Малайзия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Эрон, Покистон, Ҳиндустон, баргузор гардиданд.

Раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷумъахонзода 9 - уми феврали соли равон изҳор намуд, ки дар намоишгоҳи байналмилалии «Дубай ЭКСПО» беш аз 1 миллион ба ғурфаи Тоҷикистон ташриф оварда, ба имкониятҳои сайёҳӣ, фазои сармоягузорӣ, истеҳсоли хушкмеваҳо, сифати оби «Сиёма» ва тамъи асали кӯҳии кишварамон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуданд.

- Ҳоло дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия Намоишгоҳи 30- юми байналмилалии озуқаворӣ, нӯшокӣ ва ашёи хом барои истеҳсоли онҳо таҳти унвони «Прод ЭКСПО- 2023» идома дорад. Дар он аз 35 кишвар 2000 ширкат маҳсулоташонро пешкаш менамоянд. Аз кишвари мо ширкатҳои «Экофрукт Исфара», «Субҳи Ватан», «Ҳариф», «Витаминҳои Тоҷикистон» ва ҶДММ «Абдулҳакимов», ки ба коркарду истеҳсоли хушкмева, сабзавот ва маҳсулоти консервашуда машғуланд, маҳсулоташонро муаррифӣ намуданд, - иброз намуд Ҷамшед Ҷумъахонзода.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

## Маҳмадсаид ШОҲИЁН:
# «29 НАФАР БАРОИ ТАҲСИЛ БА ХОРИҶИ КИШВАР МЕРАВАНД»



**Кадом монеаҳое ҳастанд, ки бартараф намудани онҳо боиси рушди бештари синамои тоҷик мегардад? Ба ин суоли хабарнигори рӯзнома директори Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» Маҳмадсаид Шоҳиён дар нишасти матбуотӣ, ки 9-уми феврали соли ҷорӣ баргузор шуд, чунин посух гуфт:**

«Соҳаи киноро аслан филмномаи хуб, коргардон ва ҳунармандони боистеъдод рушд мебахшанд. Ин се падида ҳамзамон боиси муваффақ шудани филмҳо мегарданд».

Номбурда дар идомаи суҳбат аз коргардонҳои муваффақи синамои тоҷик, аз ҷумла Комил Ёрматов, Борис Кимёгаров, Тоҳир Собиров ёдовар шуда, илова намуд, ки нақша доранд имсол дар доираи «Барномаи давлатии рушди кинои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» 29 нафарро ба хориҷи кишвар барои таҳсил фиристанд.

Иттилоъ гирифтем, ки муассиса соли гузашта ба мақсади тарғиби дастовардҳои синамои миллӣ бори нахуст Синамоҷоизаи миллӣ - «Тоҷи сомон» - ро баргузор намуд.

Дар Ҷашнвораи XVIII байналмилалии кинои кишварҳои мусалмон, ки дар шаҳри Қазони Ҷумҳурии Тотористони Федератсияи Россия доир шуд, филми бадеии коргардони тоҷик Умед Мирзоширинов «Додараки фариштаҳо» соҳиби ҷоизаи «Беҳтарин филми кӯтоҳметраж» гардид.

Филми ҳунарии коргардон Муҳиддин Музаффар «Дов» дар Синамоҷашнвораи байналмилалӣ, ки дар Ҳиндустон баргузор шуд, ҷоизаи «Беҳтарин филми ҳунарӣ» - ро ба даст овард.

Филми ҳунарии «Бачаи обӣ»-и коргардон Файзулло Файзов дар Ҷашнвораи байналмилалии филмҳои Осиё ҷоизаи «Таваҷҷуҳи тамошобинон» ва дар Синамоҷашнвораи байналмилалии ИДМ, ки дар шаҳри Москва баргузор шуд, ҷоизаи «Беҳтарин филм» ва «Беҳтарин нақши мардона»-ро соҳиб шуд.

**Фарзонаи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

# ТАҲИЯИ ФИЛМИ НАВ ДАР МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ТЕЛЕВИЗИОНИ САФИНА»

**- Тибқи сеткаи барномаҳо дар шабака 57 барнома мунтазам дар жанрҳои гуногун таҳия ва пешниҳоди бинанда карда мешавад.** Дар давраи ҳисоботӣ лоиҳаҳои нави «Дари умед», «Соядаст», «Чарх бизан», «Чеҳраи ноошно», «Хати зиндагӣ», «Дар саҳро», «Нақш», «Ганҷур», «Олиҳа» ва «Асрор» рӯи кор омаданд. Ин барномаҳо аллакай доираи бинандаҳои худро пайдо кардаанд ва мунтазам таҳияву пахш мегарданд, - иброз намуд директори муассиса Носир Саидов 8- уми феврали соли равон зимни нишасти матбуотӣ.



Номбурда зикр кард, ки ҳамкориҳои Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» бо шабакаҳои телевизионии хориҷӣ сол то сол тақвият меёбанд. Аз ҷумла, шабака дар ҳамкорӣ бо телевизиони давлатии «KBS»- и Ҷумҳурии Корея дар бораи тарзи ҳаёти «Бабри барфӣ» филми мустанадро таҳия намуд, ки тариқи ин телевизион пахш гардид. Соли ҷорӣ дар ҳамкорӣ бо студияи «Hong Pictures» - и Ҷумҳурии Корея наворбардории филми мустанади муштарак оид ба ҳаёти қутосҳои ваҳшӣ ва дигар ҳайвоноти нодир дар нақша аст.

Соли 2022 коргардони муассиса Усмон Юсуфов филми бадеии «Ситора»-ро бо давомнокии 1 соату 10 дақиқа наворбардорӣ кард, ки нахустнамоиши он рӯзҳои наздик ба нақша гирифта шудааст. Идораи таҳия ва дубляжи филмҳо соли сипаришуда шаст филми бадеиро дар ҳаҷми зиёда аз 5911 дақиқа дар мавзӯъҳои гуногун тарҷума ва дубляж карда, пешниҳоди бинандагон гардонид. Ғайр аз ин, кормандони қисми таҳияи идора барномаҳои «Қисмат» ва «Ёддошт» - ро 20 маротиба пешкаши бинандагон гардониданд.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ, «Садои мардум»**

# ДАР ВАХШ КОРХОНАИ НАССОҶӢ БУНЁД МЕШАВАД

**Раиси ноҳияи Вахш Қурбоналӣ Қувватзода 9-уми феврали соли равон зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки 60 фоизи кор дар Корхонаи нассоҷии «Ваҳдат – текстайл – Вахш» ба анҷом расидааст.**

Бо ин мақсад аллакай 12 миллион доллар маблағгузорӣ шуда, насби таҷҳизот идома дорад. Иқтидори истеҳсолии он 34,5 миллион ҷуфт ҷӯроб дар як сол буда, баъд аз мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтан 400 сокинони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин хоҳанд шуд.

Инчунин, дар ноҳия бунёди Корхонаи шир ва маҳсулоти ширии «Нуфузи Вахш» дар арафаи анҷомёбӣ қарор дорад. Корхона иқтидори коркарди 570 тонна шир дар як солро дошта, бо харҷи 3 миллион сомонӣ бунёд шудааст.

Бунёди корхонаи коркарди мева, сардхона ва истеҳсоли карбос низ ба марҳилаи ниҳоӣ расид. Як қисми маблағи бунёди онро ташкилоти ғайридавлатии ЮСАИД сармоягузорӣ кардааст.

Соли гузашта дар ноҳия 23 иншооти таъиноти гуногун ба истифода дода шуд, ки дар онҳо сокинони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин шудаанд.

**С. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**



# ДАР НАТИҶАИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ 8 НАФАР БА ҲАЛОКАТ РАСИД



**7-уми феврали соли 2023 зимни нишасти матбуотӣ муовини раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Имомалӣ Иброҳимзода иброз намуд, ки соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 697 ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 46 офати табиӣ ба аҳолӣ ва иқтисодиёти ҷумҳурӣ зарари моддӣ расонидаанд.**

- Бар асари офатҳои табиӣ 8 нафар шаҳрвандони кишвар ба ҳалокат расиданд. Сарфи назар аз рейдҳои мунтазам, корҳои фаҳмондадиҳӣ, муроҷиатҳо тавассути телевизион, радио ва нашрияҳо, мутаассифона шаҳрвандон дар обанборҳо ғарқ мешаванд. Дар давраи зикршуда бинобар риоя нагардидани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми шиноварӣ дар дарёву кӯлҳо 160 ҳалок шуданд, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ Имомалӣ Иброҳимзода.

Соли 2022 се шаҳрванди кишвар ба Академияи ҳифзи шаҳрвандии Вазорати ҳолатҳои фавқулодаи Федератсияи Россия дохил шуданд. Ҳоло дар ин донишгоҳ 5 нафар афсари кумита ва 14 курсант таҳсил мекунанд. Дар самти мудофиаи гражданӣ, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода соли 2022 машқҳои маҷмӯии мудофиаи гражданӣ, машқҳои фармондеҳӣ - ситодӣ, машқҳои тактикӣ - махсусӣ, машқҳо ва омӯзишҳои ситодӣ оид ба мудофиаи гражданӣ баргузор шуданд.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ, «Садои мардум»**

# КӮШОНИЁН: ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ АФЗУД



**- Соли 2022 кишоварзони ноҳия дар 11 ҳазор гектар замин пунбадона кишт намуда, ба корхонаҳои коркарди пахта 26 ҳазору 366 тонна «тиллои сафед» супориданд, - изҳор дошт раиси ноҳияи Кӯшониён Икромиддин Ваинзода 9 -уми феврали соли равон зимни нишасти матбуотӣ.**

Соли гузашта дар ҳама шакли хоҷагидорӣ 47 ҳазору 912 тонна ғалладонагӣ, 19 ҳазору 509 тонна картошка, 140 ҳазору 777 тонна сабзавот, 13 ҳазору 767 тонна полезӣ, 16 ҳазору 298 тонна меваҷот ва 10 ҳазору 379 тонна ангур истеҳсол шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 зиёд мебошанд.

Соли сипаригардида дар ноҳия 13 ҳазору 100 тонна гӯшт, 50 ҳазор тонна шир, 4 миллиону 129 ҳазор дона тухм, 203 тонна пашм, 45 тонна асал ва 82 тонна моҳӣ истеҳсол гардид, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошад.

**С. СУЛАЙМОН, «Садои мардум»**

# ҲУҶҶАТҲОИ ҚАЛБАКИИ ОШКОРШУДА БАРОИ ЧОРАҶӮӢ БА МАҚОМОТИ ДАХЛДОР ИРСОЛ ШУДАНД



**Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар теъдоди хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон қариб як миллион афзоиш ёфт. Соли 1991 дар ин муассисаҳо агар 1 миллиону 325 ҳазор нафар хонанда буд, ин нишондиҳанда айни ҳол ба 2 миллиону 300 ҳазор нафар баробар шудааст.**

Дар 31 соли истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон 3430 муассисаи нави таълимӣ сохта, ба истифода дода шуд. Дар 70 соли даврони шӯравӣ ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гардида буд. Тибқи маълумоти оморӣ, айни ҳол дар ҷумҳурӣ 4866 муассисаи таълимӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо 158 ҳазору 293 омӯзгор ва мураббӣ фаъолият мекунанд. Аз ин теъдод 100 ҳазору 618 нафар ё 64 фоизашонро занҳо ташкил мекунанд.

Ин рақамҳо зимни баргузории нишасти матбуотӣ дар Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми феврали соли ҷорӣ баён гардид. Директори ин ниҳод Икром Субҳонзода дар оғози нишаст ба хабарнигорон дар бораи рушди маориф ва фаъолияти кормандони агентӣ маълумот дод.

Қайд гардид, ки Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ягонаи назорати давлатиро дар соҳаи маориф пеш бурда, ҳамзамон ҷараёни таълиму тарбия, сатҳу сифати дониши хонандагону донишҷӯён, тайёр намудани мутахассисони соҳа ва дигар самтҳои фаъолияти муассисаҳои таълимиро арзёбӣ мекунад.

Соли 2022 агентӣ ва воҳидҳои сохтории он тибқи нақшаи корӣ 943 аттестатсияи давлатӣ, 571 аккредитатсияи давлатӣ, 20 азнавбарасмиятдарории такрорӣ, 15 қатъ ва бозхонди иҷозатнома, 331 ташхиси иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимӣ ва дигар навъи санҷишҳоро ба анҷом расонид.

Гуфта шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ, зимни гузаронидани ташхиси ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ, ки барои эътироф ва муайян кардани баробарарзишӣ пешниҳод гардиданд, 11 ҳуҷҷати қалбакӣ ошкор гардида, тибқи талаботи муқарраргардида ба мақомоти дахлдори давлатӣ барои чораҷӯӣ пешниҳод карда шуд.

**Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН: 83 НАФАР ДИПЛОМИ «АЪЛО» ГИРИФТ



**Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим зимни нишасти матбуотӣ, ки 8- уми феврали соли ҷорӣ баргузор гардид, зикр намуд, ки донишгоҳ соли гузашта ба як қатор дастовардҳо ноил гардид.**

Аз ҷумла таъкид шуд, ки сохтмони бинои нави таълимии панҷошёна бо таҳхонааш бо тарҳи замонавӣ барои 3000 ҷои нишаст дар як баст анҷом ёфта, 20-уми декабри соли 2022 бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди истифода қарор ёфт.

Донишгоҳ дар рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда мешавад, мақоми чорум ва тибқи Рейтинги Wedometrics Ronkingf Word Universities (шаҳри Мадриди Испания) дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои сеюмро нигоҳ дошт.

Даҳ нафар устодон ва муҳаққиқони донишгоҳ рисолаҳои номзадиашонро бомуваффақият ҳимоя намуданд. Дар натиҷа, ҳиссаи устодони дараҷаи илмидор зиёд гардида, синну соли миёнаи онҳоро ҷавонтар намуд.

Донишҷӯёни донишгоҳ дар озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» ширкати фаъол намуданд. Магистранти донишгоҳ М. А. Панявин аз фанни технологияи иттилоотӣ дар даври шаҳрии озмун сазовори ҷойи якум (мукофотпулӣ - 20 000 сомонӣ) ва дар даври ҷумҳуриявӣ сазовори ҷойи дуюм ва мукофотпулӣ ба андозаи 25 000 сомонӣ гардид. Донишҷӯи курси дуюм Аниса Давлатзода аз рӯи номинатсияи «Ихтироъкорӣ ва навоварӣ» бо кашфиёти хеш - торт барои шахсони мубталои диабети қанд соҳиби ҷойи сеюм ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 10 000 сомонӣ шуд.

Бо мақсади омода кардани кадрҳои баландихтисос дар сатҳи байналмилалӣ донишгоҳ аз давраи таъсис ба рушди робитаҳои байналмилалӣ диққати махсус зоҳир намуда, бо 126 донишгоҳ ва ташкилотҳои хориҷӣ шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонидааст.

- Соли гузашта аз рӯи ҳамаи ихтисосҳо Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро 1661 нафар, аз ҷумла 83 нафар бо дипломи «аъло», хатм намуданд.

**Абдумаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум»**

## Ҳикмати зиндагӣ

# МУҲАББАТ

**Марди миёнасоле дар ошёнаи якуми бинои истиқоматиаш устохона дошт. Шуғли ӯ дуредгарӣ буд. Дар сохтани дару тирезаҳо устои моҳир ба ҳисоб мерафт. Аммо, ҳамин ки дару тирезаҳои пластикӣ пайдо шуданду ҳама ба онҳо рӯ оварданд, бозори усто нисбатан хунук шуд. Корҳояш дигар мисли пештара набуд. Ба замми ин, акнун бачаҳояш низ калонак шуда, мактабрав буданд. Чун сарфу хароҷоташ афзудан гирифт, маҷбур шуд коргареро, ки ҳамчун ёвар ба кор гирифта буд, ҷавоб диҳад.**

Ҳамин тавр, ӯ аз пештара барвақттар ба кор меомад ва ба ҷои ёвар низ кор мекард, то масрафи бачаҳояшро бароварда тавонад.

Рӯзе машғули кор буд, ки нохост барқ хомӯш шуд. Ҳарчанд хеле интизор нишаст, қувваи барқ фаъол нашуд. Ба бадии кор тирезаҳоеро, ки супориш гирифта буд, бояд то шаб тамом карда, ба соҳибаш месупурд. Бекор нишастанро хуш надошт. Бинобар ин, рандаро равған молида, пасон аррамайдаҳоро рӯфт. Баъд ба хонааш баромадан хост, то каме осояд. Дар он ҳангом чашмаш ба дастаки электрикӣ афтод, ки хомӯш карда шудааст. Аниқтараш онро касе ба тарафи поён тоб дода, барқро хомӯш карда буд. Вақте ки дастакро боло бардошт, устохона равшан шуд.

Намедонист, ки ин корро кӣ анҷом додааст. Ӯ душмандор набуд, ки қатъ шудани барқро кори дасти душманон гӯяд.



Каме баъд хост, то ба кораш идома диҳад, барқ боз қатъ шуд. Лекин ин дафъа «гунаҳкор»-ро дид. Писараш оҳиставу бесадо аз зинапояҳо фаромада, нав дастаки электрикии барқро поён карда буд, ки дар рӯ ба рӯяш падар пайдо шуд.

Чунин рафтори писараки даҳсоларо усто амали нобахшиданӣ медонист. Охир, як рӯзи кориаш бо нағмаи ӯ барбод рафт. Боз як маротиба не, ду дафъа он «амали нозеб»-ро такрор кард. Барои ҳамин падар аз мӯи писараш дошта, ӯро сахт зад, то ки минбаъд рафтори ношоиста накунаду инсони зараррасону хатокор ба камол нарасад. Сипас, ба оби чашми писараш аҳамият надода, ба хонааш рафт ва дилашро ба ҳамсараш холӣ кард.

- Бояд зуд фаҳмем, ки ин бача дар мактаб бо киҳо шинухез мекунад, дӯстонаш киҳоянд? Вагарна ба ин рафтор ба сарамон дарди зиёд меорад, - гуфт ӯ ба модари писараш.

Баъди каме фикр кардан ба ёдаш рӯзномаи писараш расид, ки корҳои ҳаррӯзаашро ёддошт мекард. «Шояд дар он доир ба дӯстони мактабиаш маълумоте дарҷ карда бошад» – аз дил гузаронд падар.

Ҳарчанд ҳамсараш розӣ набуд, лек усто рӯзномаи писарро ба хондан шурӯъ кард.

Писарак дар саҳифаи аз ҳама охир навишта буд: «Имшаб хоби бад дидам... Ҳангоми дар устохонааш кор кардан падарамро барқ зад. Худоё, ту падарҷонамро нигаҳ дор!.. Ман барои ӯ ҳар коре, ки аз дастам биёяд, иҷро мекунам!».

# ОБИ НАҶОТ

**Фасли тобистони хушке ҳукм меронд. Дар чанд соли охир яке аз гармтарин рӯзҳоро аз сар мегузаронидем. Маҳсулот дар киштзорҳо хушкида, говҳо аз шир монда буданд. Не оби каналу ҷӯйборҳо ҷорӣ буду не аз чашмаҳо оби хунук меомад. Бисёре аз хоҷагиҳо дар гирду атроф муфлис шуданд. Ману шавҳарам бо заҳмати фаровон барои об додани киштзорамон кӯшиш мекардем. Пур кардани об аз чашмаи муштараки деҳаамон ва расондани он то ба киштзор осон набуд, вале мо ҳатто ба ин ҳам розӣ будем. Аммо ҳиссаи обе, ки ба мо мерасид, он қадар кам буд, ки киштзорамон хушк мешуд. Агар борон наборад, ҳама чизамонро аз даст медодем.**

Яке аз он рӯзҳо шоҳиди муъҷизае шудам, ки қисмат кардани онро эҳсоси бузург медонам. Дар ошхона барои шавҳарам ва бародаронаш хӯроки нисфирӯзӣ омода мекардам, ки дидам писари шашсолаам Билли ба сӯи ҷангали воқеъ дар онсӯтари хонаамон равон аст. Чун ҳарвақта бепарвоёна ва паридаву ҷаҳида, ки хоси кӯдакон аст, роҳ намерафт. Ман танҳо пушташро медидам. Ӯ тавре рафтор мекард, ки мегуфтӣ дар пайи иҷрои кори ҷиддиест. Ҳини роҳ рафтан чунон ба назар мерасид, ки барои анҷоми он кор ҳама чизи аз дасташмеомадаро мекунад. Чанд дақиқа пас аз нопадид шуданаш дар байни дарахтон дав-давон ба самти хона баргашт. Ман ба кори ошпазӣ баргаштам. Аз як тараф фикр мекардам, ки писарам ҳар коре дошта бошад, ба анҷом расонидааст.

Лек як-ду дақиқа баъд ӯро боз дар ҳамон ғояти эҳтиёткорӣ ва ҷиддият дидам, ки ба сӯи ҷангал мерафт. Ин рафту баргашт, яъне бодиққат ба сӯи дарахтзор рафтан ва давида ба ҷониби хона баргаштани писарам бештар аз як соат идома кард. Кунҷковиам боло гирифту ноаён аз хона баромада ӯро



назора кардам. Кӯшиш кардам, ки маро набинад. Азбаски фикр мекардам кори муҳиме мекунад, ба ӯ халал расониданам дуруст набуд.

Писарам дар кафи дастонаш об гирифта, ба сӯи ҷангал мерафт. Сахт эҳтиёт мекард, то ки об аз кафаш нарезад. Кафи дастони кӯчакаш базӯр ду-се қошуқ об мебурд. Вақте ки ӯ ба тарафи ҷангал равон буд, оҳиста наздиктар рафтам. Шохаҳои дарахтон ва хори буттаҳо рӯю баданашро мехарошиданд, вале ӯ аҳамият намедод. Тавре рафтор мекард, ки кори муҳимтаре дорад. Вақте ки хостам ӯро аз наздиктар бубинам, ба ҳайратовартарин манзараи ҳаётам рӯ ба рӯ гаштам.

Якчанд гавазни калон назди писарам ба замин нишаста буданд. Билли рост ба тарафи онҳо равон шуд. Барои ӯро аз он ҷо дур кардан қариб буд фарёд бизанам. Як гавазни калонҷусса бо шохҳои бузург ба таври хатарноке наздик истода буд. Аммо гавазн ӯро озор надод, ҳатто вақте ки Билли ба замин хам шуд, гавазн ҳаракат накард.

Баъд дидам, ки бачаи навзоди гавазн рӯи замин дароз кашидааст. Маълум, ки оби бисёре аз даст дода, нороҳат шудааст ва аз шиддати гармӣ бетоб гаштааст. Он гавазнбача бо талоши зиёд сарашро бардошт ва оби дасти писарамро нӯшид.

Об ки тамом шуд, писарам ҷаҳида аз ҷой хест ва дав-давон ба сӯи хона рафт. Ман пушти дарахте пинҳон шудам ва баъд то ба хона аз пояш рафтам. Дар пушти хонаи мо ҷумаки об ҳаст, вале истифодааш намебарем, зеро аз он об намеояд. Писарам ба назди он рафта, дастакашро то ба охир тоб дод. Аз он қатра-қатра об чакид. Дасташро зери он қатраҳо дошт, то ки об ҷамъ шавад. Дидам, ки нури сӯзони офтоб ба пушташ асар мекунад.

Ӯ як ҳафта пеш барои бозӣ карданаш бо шланги об ҷазо гирифта, дар бораи исроф накардани об лексияи тундеро ҳам шунида буд. Гумон мекунам, аз ҳамин сабаб барои ҳалли масъала ба назди ман наомад.

Тақрибан бист дақиқа вақт лозим шуд, то ки он чакраҳо дар кафаш ҷамъ шаванд. Акнун аз ҷой бархоста, ба тарафи ҷангал равон шуданӣ буд, ки дар рӯ ба рӯяш маро дид. Дар чашмони кӯчакаш донаҳои ашк ҳалқа зада, гуфт: «Исроф намекунам!».

Вақте ки боз ба ҷангал мерафт, ман низ ҳамроҳаш будам. Ин дафъа Билли дар дасташ як кружкаи хурди обгирӣ дошт. Иҷозат додам, ки онро ба бачаи гавазн дароз кунад. Худам канортар истодам, охир ин кори вай буд, бояд дахл накунам.

Ман дар даромадгоҳи ҷангал чӣ гуна кор кардани як дили зеборо барои наҷоти ҷоне тамошо кардам. Ашк аз чашмонам ҷорӣ шуда, ба замин мерехт. Ногаҳон қатраҳои дигаре аз пасашон омад, омаданашон сахттар шуд, бештар шуд. Ин қатраҳо аз ман не, аз чеҳраи осмон мерехтанд. Гӯё аз чашми осмон ашки раҳму шафқат меборид.

Он рӯз писараки хурдсоле бо шафқаташ ҷонеро наҷот дод. Раҳмати аз осмон борида истода бошад, ҳам киштзори моро, ҳам киштзорҳои дигаронро ва ҳам садҳо ҷонеро, ки дар ҷангал зиндагӣ доштанд, наҷот бахшид.

---

**Тарҷумаи Маҳмудҷон УСМОНОВ, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 413429 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Таъмири ҷории бинои мақомот, корҳои сантехникӣ ва барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.02.2023 16:35:01 |
| 2 | 413432 | Муассисаи давлатии «Интернати вилоятии назди мактабӣ»-и ноҳияи Балҷувон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 19.02.2023 16:43:24 |
| 3 | 413423 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 02.03.2023 16:00:00 |
| 4 | 413425 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ» | Маводи канселярӣ, хоҷагидорӣ, масрафӣ, картриҷ, либоси махсуси корӣ ва оташхомӯшкунак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 02.03.2023 16:10:00 |
| 5 | 413427 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаб - интернати таҳсилоти умумии ҷумҳуриявии тамоюли варзишии ба номи И. Ҳасанов» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 02.03.2023 16:30:17 |
| 6 | 413433 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Техникаи маишӣ, идоравӣ, мебел ва сейф | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 02.03.2023 16:45:15 |
| 7 | 413434 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Маводи канселярӣ, хоҷагидорӣ, телефони махсус ва картриҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 02.03.2023 16:55:10 |
| 8 | 413424 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Омехтаи қуму шағал, асфалти хунук ва битум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 03.03.2023 14:44:44 |
| 9 | 413426 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Тухмии гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 03.03.2023 16:36:36 |
| 10 | 413430 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 61 | 03.03.2023 16:40:40 |
| 11 | 413437 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Ниҳоли гулҳои мавсимӣ, нуриҳои органикӣ ва газон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 03.03.2023 16:00:00 |
| 22 | 413438 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 03.03.2023 16:20:00 |
| 33 | 413439 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Доруворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 93 | 03.03.2023 16:40:00 |
| 14 | 413440 | Муассисаи давлатии «Трести чарогоҳу мелиоративӣ» -и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Беҳтаркунии сатҳи чарогоҳҳои зимистона дар ноҳияи Данғара | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 03.03.2023 16:45:05 |
| 15 | 413441 | Муассисаи давлатии «Боғи Ғалаба» | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 03.03.2023 16:51:00 |
| 16 | 413443 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи Нурматов»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 51 | 06.03.2023 10:00:00 |
| 17 | 413445 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Тухмии гулҳои мавсимӣ, нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо, хоки тоза, тӯри сиёҳ, қуттӣ ва дигар мавод вобаста ба чорабиниҳои эҳсонкорӣ дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 06.03.2023 13:00:00 |
| 18 | 413446 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Тухмии гулҳои мавсимӣ, нуриҳои минералӣ ва дигар маводи гуногун барои корҳои ободонии Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 06.03.2023 13:00:00 |
| 19 | 413447 | Муассисаи давлатии «Раёсати обёрӣ»-и шаҳри Душанбе | Таъмири селпартои Говкуши қитъаи 2-юми ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 06.03.2023 14:40:00 |
| 20 | 413444 | Муассисаи таҳсилоти умумии асосии №1-уми ноҳияи Тоҷикобод | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 06.03.2023 17:00:41 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А № 0158609-и гумшуда, ки онро Мақомоти давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори раиси шаҳри Норак аз 8-уми октябри соли 2007 №326 санаи 19-уми ноябри соли 2007 ба Сафарова Файзимо додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи бақайдгирии соҳибкорони инфиродии № 0469649-и гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 28-уми январи соли 2021 ба Мирзоева Шаҳноза Анваровна (РЯМ 0430313208) додаанд, эътибор надоранд.

✓Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Наимов Аҳлиддин Тождинович (РМА 045279734, РЯМ 0430225098) додааст, эътибор надорад.

✓Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2018 ба Мусофиров Олимҷон Хайридинович додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи силсилаи ҶТ №008861-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи касбии №1-уми (ҳоло Литсейи касбии техникии шаҳри Ҳисор) ноҳияи Ҳисор соли 2008 ба Ашурова Зебо Маҳмуродовна додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи силсилаи ҶТ №0154715-и гумшуда, ки онро Литсейи касбии техникии шаҳри Ҳисор соли 2021 ба Саидова Ҳанифа Маҳмасаидовна додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи силсилаи ҶТ № 0154607-и гумшуда, ки онро Литсейи касбии техникии шаҳри Ҳисор соли 2021 ба Заробов Изатулло Сайфуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 3130017431-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон ба Одилов Мусулмон Исоевич додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи бақайдгирӣ бо РЯМ 3130010685-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон ба хоҷагии деҳқонии «Б. Подшокул» додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 185644245-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб ба Хоҷиев Алиҷон додааст, эътибор надорад.

✓Аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосии силсилаи Т-АТА № 0026022-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17-и шаҳри Душанбе соли 2014 ба Алимова Мадина Ҷамоловна додааст, эътибор надорад.

✓Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 16-уми июни соли 2017 ба Бобомуродов Бахтиёр Турамуродович (РЯМ 0430239480, РМА 015510395) додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Гулбутта, бинои 130, ҳуҷраи 5 ба Нозимов Фарҳод Мирзоалиевич додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи хариду фурӯши силсилаи ДШ № 0300303-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 21-уми майи соли 2008 таҳти феҳристи 8Ш-2350 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, бинои 77/1, квартираи 64 ба Тоҷибоева Саиднисо Камоловна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии таваққуфгоҳи наклиёти автомашинаҳои гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ - 104 ба Азимзода Муминулло Қудратулло додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи ҳадяи аз 4/15 (аз понздаҳ чор) ҳиссаи бинои таҳти литери 1-1/б таваққуфгоҳи наклиёти автомашинаҳои силсилаи ДШ №0758909-и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5-уми октябри соли 2016 таҳти қайди ЗДШ -198 ба Содиқова Баргигул Сидиқовна додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0034905-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» 21-уми октябри соли 2016 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ-104, таваққуфгоҳи наклиёти автомашинаҳо ба Содиқова Баргигул Сидиқовна додааст, эътибор надорад.

✓Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 15-уми майи соли 2019 ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Маркази ташхисии «Нурафзо» (РЯМ 0410012644, РМА 040032249) додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Тунис, бинои 1/5, квартираи 30 ба Раҳмонов Умед Зоирович додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи Испечак М 26, бинои 5, ҳуҷраи 8 ба Аҳмадзода Маҳмараҳим Аҳмад додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 77/1, квартираи 8 ба Нихмонов Иматбег Сироҷович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Бурҷи дӯстӣ», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0267673 бо РЯМ 0410037742 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Сино 2-юми феврали соли 2022 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи давлатдорӣ ва волоияти қонун

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 13 феврали соли 2023, соати 18:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35520 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Н. Низомӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97